**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).**

Давлати ҳуқуқбунёд бидуни ҳокимияти судии мустақил ва қавӣ вуҷуд дошта наметавонад. Танҳо суд метавонад қонунро воло гардонида, фаъолияти дигар шохаҳои ҳокимиятро дар чаҳорчубаи қонун нигоҳ дорад. Яке аз шаклҳои асосии фаъолияти давлат дар таъмини адолат ин амалисозии ҳокимияти судӣ мебошад. Ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон ҳамчун руки мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф шуда, дар барқарор намудани адолат нақши босазо мегузорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии диссертант Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи “Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ” аз зумраи он мавзуҳое мебошад, ки дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мубрам шуморида мешавад. Дар он ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва дигар паҳлуҳои илмии мавзуи интихобшуда мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, муаллиф ба таври муфассал мубрамияти мавзуро асоснок кардааст.

Дар рисолаи илмии баррасишаванда мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ ба таври зарурӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шуда, асосҳои

методологии таҳқиқот ва заминаҳои эмпирикӣ дар шакли мукаммал истифода гардидааст. Тавсияҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мушаххас ва асоснок манзур гардида, ҳамчун натиҷаҳои мусбии таҳқиқот ба ҳисоб рафта, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ифода менамояд.

Бо назардошти ҷанбаи косплексии умуминазариявӣ доштани таҳқиқи мавзуъ, муаллиф усулҳои махсуси илмӣ, ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, оморӣ, усули ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва ғайра истифода шудаанд. Усулҳои мазкур имкон доданд, ки хулосабарории назариявӣ анҷом дода шуда шуда, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории амалкунанда таҳия карда шаванд.

Диссертант дар кори таҳқиқотии худ ба арзишҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст, ҳамзамон риояи ҳаҷми автореферат ба талаботҳои таҳияи автореферат ба назар мерасанд, аммо мувофиқи мақсад мебуд, ки шарҳи бобҳои диссертатсия боз ҳам ба таври муфассал оварда мешуданд. Новобаста ба ин, эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферат таъсир намерасонад ва мазмуну моҳияти илмиву амалии онро коста намегардонад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардида, диссертант ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро риоя намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Нодира Иномҷон бо моҳият ва мазмуни хоси илмӣ, асосҳои мантиқӣ, масъалагузорӣ бо риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбӣ мебошад. Таҳқиқот натиҷаи кори мустақилонаи муаллиф буда, натиҷаҳои он ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, қонунгузорӣ ва муҳимтар аз ҳама фаъолияти ҳокимияти судӣ метавонад мусоидат намояд.

Автореферати рисолаи илмии Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи “Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-

ҳуқуқӣ” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Раиси суди ноҳияи
Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, н.и.ҳ. Исозода Б.Ч.

«25» 05 2026 с.